Дар таърих ягон давлат дар фазои холӣ аз кашмакашу талошхои пайваста ва курбонихои бешумор ба вучуд наомадааст. Аз чумла, таъсисёбии кишваре бо номи Точикистон дар соли 1924 хамчун давлати худмухтор дар тобеияти Ӯзбекистон ва соли 1929 чун кишвари алохида осон набуд. Зеро точикон бештарини сокинони Осиёи Марказиро ташкил дода, кадимтарин миллати мукимии ин минтака бошанд хам, чашми нотавонбинон онхоро намедид.

Барои ин дастоварди таърихӣ дар баробари бузургоне чун Садриддин Айнӣ, Нусратулло Махсум, Ширингшох Шохтемур низ, талош бурда, чавонмарг шуд.

Хакикат хамеша талх аст. Имрӯз сохибистиклолӣ имкон фарохам овардааст, ки хакикатхои талхи нухуфта ифшо шаванд ва рохи расидан ба ин рӯзхои пирӯз равшан гарданд. Холо дар бораи як номаи сарнавиштсози ӯ ба унвони Иосиф Сталин харф мезанем, ки ормонномаи як миллати бузург бо номи точик аст.

Аз соли 1924 сарварони Точикистон Нусратулло Махсум, Абдулкодир Мухиддинов, Абдурахим Хочибоев, Шириншох Шохтемур ва Нисор Мухаммад барои аз хайъати Ӯзбекистон баровардан ва хамчун давлати мустакил таъсис додани Точикистон, хамчунин, ба Точикистон баргардонда шудани Хучанд, Бухоро, Самарканд, Сурхон ва дигар минтакахои точикнишин муборизаро сар карданд. Муборизаи онхо, албатта гоявӣ буд ва аксаран дар номахои онхо, ки ба унвони ниходхои дахлдор, бавижа сарвари вакт Сталин ирсол шудаанд, инъикос меёбад.

Яке аз чунин номахои сарнавиштсоз номаи Шириншох Шохтемур аст. Дар бораи ахамияти

таърихии ин мактуб, ки аввалин номаи халки точик ба номи дохӣ аст, пажӯхижгарону равшангарони точик бисёр навиштаанд ва тахлили онхо мачоли бештар мехохад. Матни пурраи он хам хачман калон буда, ба забони точикӣ бори аввал 7 декабри соли 1989 дар хафтаномаи «Адабиёт ва санъат» бо тарчумаи Камчинбек Насруллобеков ва Курбон Аламшоев интишор ёфт.Чӣ тавре ки Курбон Аламшоев дар сухбат бо мо изхор дошт, чопи ин нома ба забони точикӣ осон набудааст.Ноширон аз окибати кор андешида, чопи онро мавкуф мегузоштанд, зеро замон хавӯз хам замони шӯравӣ буд. Аммо бо пофишорихо нихоят нома ва гузоришномаи иловагии Ширинщох Шохтемур чоп шуд.

Номаи аслӣ бо ду замимаи он дар бойгонии хизбии Институти таърихи Партияи Коммунистии Точикистон, дар фонди раками 1, номгӯи 1, делои 925 нигахдорӣ мешавад. Камчинбек Насруллобеков ва Курбон Аламшоев баъди омӯзиши мактуб ба хулосае омадаанд, ки Ширинщох онро 25 майи соли 1925 иншо намуда, хангоми яке аз сафархояш ба Москва ба Кумитаи Марказии хизб (КМ ВКП (б) супурдааст. Аз Москва то Душанбе нома бидуни визаи Сталин расидааст ва аз ин тахмин задаанд, ки шояд онро худи дохӣ нахондааст. Аммо як чиз равшан аст: «Мактубро корманди КМ ВКП (б) Б. Кулбешеров мутолиа карда, 25 июни соли 1926 ба Сотсков ном шахси дигар фиристода, хохиш кардааст, ки Бюрои Осиёмиёнагии КМ ВКП (б) - ро пурсанд, ки доир ба ин масъала чи кор кардааст». Чи чора андешидааст, равшан нест, аммо 7 июли соли 1926 он ба бойгонӣ супурда шуд. Тахлилу баррасии мухимтарин чанбаъхои нома барои имрӯзиён зарур мебошад.

Табартаксим, асосан, ба миллати точик гарон афтод, зеро мо на танхо аз шахру навохии бостонӣ ва китобу сарчашмахои нодири худ, балки аз бештари хукукхо низ махрум шудем.

Яке аз масъалахое, ки Ширинщох Шохтемур ба миён мегузорад, инкор шудани точикон дар худудхои точикнишин мебошад: «Аз тасвири мавкеи точикон дар территорияхои собик республикахои Туркистон ва Бухоро то саршавии таксимот ибтидо мегирад. Аз аввал худи мавчудияти точикон, ба гайр аз точикони территорияи Бадахшони кӯхӣ – Помири гарбӣ инкор мешуд». Мавсуф харфи худро бо маколахои дар ин маврид чопшудаи чаридахои «Зеравшан» ва «Туркистон» дар соли 1924 асоснок мекунад. Бори дигар собит мешавад, ки матбуот дар он замон хам барои сохтани мафкураи мардум сахт таъсиргузор будааст.

Дар бораи забон: «Дар республикаи Бухоро хаштсаду ду хазор точикон ва дусад хазор киргиз зиндагӣ мекард. Киргизхо мактаби худ ва ба чуз ин, дар назди КИМ Бухоро шуъбаи киргизӣ доштанд. Точикон бошанд, аз хукуки ба забони модариашон гап задан

махрум буданд». Ин ва дигар далелхоро оварда, талаб мекунад, ки дар худудхои точикнишин мактабхои точикӣ боз шаванд, то мавкеи забони мо махдуд нагардад. Ширишнох Шохтемур халли масъалаи точикро барои Иттиходи Шӯравӣ аз он чихат мухим медонад, ки точикони форсизабон дар худудхои Афгонистон, Эрон ва Хиндустон зиндагӣ мекунанд. Танг кардани мавкеи онхо зидди хукукхои умумибашарист.

Бо дилсӯзӣ боз хам таъкид мешавад: «Забони точикӣ баъди таксими Осиёи Миёна ба таъкиби боз хам берахмонатар дучор шуд. Дар вакти таксимоти миллӣ - территориявӣ, мохи августи соли 1924 собик ТуркЦИК дар пленуми охиронаш намоишкорона икрор гашт, ки дар Туркистон халкияти точик вучуд доштааст».

Ширишнох Шохтемур натичаи ин хама талошхоро таъсиси Институти педагогӣ дар Тошканд барои точикон медонад, аммо аз он норозист, ки бо гузаштани 2 сол ин институт хамагӣ 171 донишчӯ ва ду синфхонаи хурди назарногир дорад. Бонги изтироб мезанад, ки «мохи сентябри хамин сол (1924) дар шахри Самарканд нашри рӯзномаи «Овози точик» огоз ёфт, вале пахншавии он ба таври гайрирасмӣ манъ мешавад». Бидуни шубха, сабаби манъ шудани чопи рӯзномаи точикӣ нуфузи забони точик байни сокинони Осиёи Марказӣ буд, ки хамагӣ ин забонро неку медонистанд.

Як тахлили дигари муаллифи нома дар мавриди таълим ба забони точикӣ чолиб аст: «Соли 1925 бо талаби боисрори точикон дар шахри Самарканд курсхои чормохаи тайёр кардани муаллимон кушода шуданд. Вакте ки муаллимон ин курсхоро хатм карда, ба зодгохашон баргашта, тадрисро ба забони модариашон огоз намуданд, онхоро ба таъкибкунӣ огоз карданд ва охирон бо хар гуна тахдид таълимро ба забони точикӣ манъ намуданд». Аз ин бармеояд, ки ташкили ичбории курсхои омодакунии кадрхо сахнае беш нест, зеро мутахассисони омодашударо ояндаи торик интизор аст.

Хамчун далел вокеаи Чашни 1 - солагии Республикаи автономии Точикистонро ёд мекунад. Мувофики он, 15 марти соли 1926 дар чашни таъсисёбии Точикистон коргарони заводхои Тошканд ва донишчӯёни точик чамъ омада, тантана оростанд. Он анчумани фарахафзоро дарег, ки бо забони бегона бурданд ва ин боис шуд, ки точикон эътироз баён кунанд. Эътирозгаронро бо чурми бетартибӣ ва шовинистӣ ба мухокимаи партиявӣ кашида, як донишчӯро аз Хизби Коммунист хорич карданд. Муаллифи номаи пурсӯз дар хамин нуктаи нома чунин хулоса мебарорад: «Шояд ин донишчӯро аз сафи хизб хорич намуданд, боз дигару дигарон хам хорич мешаванд, вале охир, решахои масъалаи миллӣ ханӯз хам дарунтар мераванд ва бо хорич кардани якчанд руфако масъала хал намегардад».

Пас аз фахмондани вазъи умумии точикон ва масъалахои мухимтарини масоили миллӣ ва ёд кардани вокеахои нохуш менависад: «Хакикатан хам, ахвол чунин аст, ки захри зиддияти (антагонизми) байналмилалӣ оммаи мехнаткашонро олуда месозад ва арбадаю нархашаи байни миллатхо такомули шуурнокии миллиро бозмедорад». Ин хулоса бозгӯи он аст, ки пойдевори зиддиятхо ва нофахмихои миллӣ дар он замон гузошта шуда, то ханӯз идома доранд.

Номахои Нусратулло Махсум, Ширинשох Шохтемур ва дигарон барои чун давлати алохида таъсис ёфтани Точикистон накши калидӣ бозиданд ва ба таъбири Мухаммадчон Шакурии Бухорӣ «дили Сталинро ба таъсиси Точикистони шӯравӣ моил карданд». Навиштани номаву гузоришномахоро Ширинשох ханӯз дар замони инструктори шуъбаи акаллиятхои миллии КМ ПКТ Богод  буданаш огоз карда буд, ки достони дигарест. Гузоришномахои расмии ӯро низ бидуни дарду дог ва хаячон хонда намешавад. Мактубхои паёпайро масъулон хонда, аз ин шуъба ба он шуъба, аз ин кас ба он кас мефиристоданд ва дар нихоят хама макомдорони Кремл огох шуданд, ки дар Осиёи Марказӣ точик ном миллати кадимӣ бо забону фарханг ва оину анъанахои вижаи худ мавчуд аст. Садо баланд кардани Ширинשох Шохтемур дар он замон баробари марг буд ва ӯ хамчун собикадори макомоти хизбӣ ва советӣ окибати механдӯстиву миллатпарастиашро медонист, аммо хомӯш буда наметавонист. Хомӯшӣ ва бетарафӣ ба ӯ бегона буд. Ин аст, ки то вопасин нафас ба рисолати худ содик монд ва дар 37 - солагӣ баъди хиёнату игвохои душманони худиву бегона дар Москва парронда шуд.

Бузургмехри БАХОДУР,

«Чумхурият»

https://jumhuriyat.tj/index.php?art_id=44253